«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
номзади илмҳои техники, дотсент
________________ Ниёзӣ С.Р.
«14» апрели соли 2025

# ХУЛОСАИ

шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯ Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Садуллоева Гулнора Мохадовна санаи 18-уми ноябри соли 1986 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 1993 ба мактаби миёнаи умумии №89 ноҳияи Сино таҳсил намуда, онро соли 2004 бо баҳои хубу аъло хатм намудаст. Ҳамон сол ба Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ ба факултаи хукукшиносӣ, ихтисоси ҳукуқшинос дохил шуда онро соли 2009 бо муваффақият хатм намудааст.

Аз соли 2007 фаъолияти асосии кориро дар Маркази ҷумҳурияви пешгирии мубориза бар зидди СПИД оғоз намуда, то соли 2013 дар ин муассиса кор кардааст. Аз соли 2013 то соли 2015 Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳал дар ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон фаъолият карда, аз соли 2015 то соли 2020 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба ҳайси то соли 2015 фаъолият кардааст. Аз соли 2015 то соли 2020 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба ҳайси ёвари ректор оид ба қабули шаҳрвандон ва назорати низоми меҳнат фаъолият намуда, аз соли 2020 то соли 2022 тариқи гузариш дар кафедраи гуманитарии факултети дизайн ассистенти кафедра аз фани ҳукук шуда кор кардааст. Аз соли 2022 дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода дар кафедраи педагогика ва психология то ин ҷониб кор мекунад.

Садуллоева Гулнора Мохадовна соли 2004 факултаи ҳуқуқшиносӣ Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ аз рӯи ихтисосӣ "ҳуқуқшиносӣ" соли 2009 хатм кардааст (диплом ДТО №0056059).

Дар давоми омадасозии диссертатсия Садуллоева Гулнора Моходовна ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳсил кардааст.

Имтиҳони номзадиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Тарих ва фалсафаи илм –" 4"(хуб) – 02.11.2017
- Забони хориҷи (англисӣ) –"4"(хуб) - 21.05.2021.
- Ихтисос: 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) – "5" (аъло) – 27.11.2024.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №819 аз 10.12.2024 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Маҳкамов Д. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар ҷаласаи васеи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардидааст.

Рисолаи мазкурро муқарризони холис, доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф., номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П., номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.Ш. мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, хулоса пешниҳод намуданд.

Унвонҷӯй Садуллоева Гулнора оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методиашро оид ба асосҳои назариявӣ ва амалии педагогикаи халқӣ дар тарбияи маънавию ахлоқии ҷавондухтарони коллеҷи касбӣ-техникӣ зимни корҳои беруназмактабии замони муосир манзури ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа иштирок карда, андеша ва пешниҳоду эроди худро нисбат ба таҳқиқоти Садуллоева Гулнора иброз намуданд.

Муқарризи расмӣ – доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф. дар хусуси навгонии илмии диссертатсия қайд намуд, ки зимни таҳқиқот унвонҷӯ мазмун ва моҳияти мафҳуми асосҳои назариявӣ ва амалии педагогикаи халқӣ дар тарбияи маънавию ахлоқии ҷавондухтарони коллеҷи касбӣ-техникӣро мушаххас намуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии ташаккули онро пешниҳод кардааст. Роҳу усулҳои асосҳои педагогии тарбияи маънавию ахлоқии ҷавондухтарони коллеҷи касбӣ-техникӣ коркард гардидааст. Ҳамчунин, озмоишҳои муқарраркунандаву назоратӣ гузаронида, натиҷаҳои асосии диссертатсия бо рақамҳо ва далелҳои оморӣ ҷамъбаст карда шудааст.

Муқарризи расмии 2-юм – номзади илмҳои педагогӣ, Лутфуллоева П. аз ҷумла қайд намуд, ки педагогикаи халқӣ яке аз шаклҳои педагогика буда, дар салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим аҳаммияти зиёд дорад. Дар шароити муосир баланд бардоштани тарбияи маънавию ахлоқии ҷавондухтарони коллеҷи касбӣ-техникӣ муҳимияти хоса пайдо намудааст, ки мақсади он ба ҳаёти оянда ва зиндагии мустақилона омода кардани онҳо тавассути омӯзиши касб мебошад. Объекти таҳқиқоти диссертатсия баррасии демократикунонии раванди таълим дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди иҷтимоигардонии донишҷӯён мебошад.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия мавзуи асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар низ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба муҳаққиқ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад номзади илмҳои педагогӣ, Лутфуллоева П. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ ба шурои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.Ш. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии тарбияи маънавӣ ва ахлоқии ҷавондухтарон ва самарбахшии фаъолияти онҳо дар шароити муосир ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Ҷонмаҳмадова Г.Ш. қайд намуд, ки таҳқиқоти илмии Саъдуллоева Гулнора имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи педагогикаи халқиро дар тарбияи маънавию ахлоқии ҷавондухтарони коллеҷи касбӣ-техникӣ зимни корҳои беруназмактабии замони муосир ҳамчун омили боэътимод эътироф намуда, ҳаллу фасл карда шавад.

Мавсуф афзуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди омодагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, омода намудани воситаҳои аёнӣ, маърӯзаю баромадҳо оид ба раванди роҳандозии таҳсилоти касбӣ истифода кард. Аз ин рӯ, пешниҳод кард, ки диссертатсияи Саъдуллоева Г. барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ манзур карда шавад.

Муҳим будани диссертатсияи номзадии Саъдуллоева Гулнора дар он собит мешавад, ки дар шароити муосир масъалаҳои мутобиқшавии коллеҷҳои касбӣ-техникӣ ба талаботи замон, ворид гардидан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар раванди таълиму тарбияи мақсаднок ва иштироки донишҷӯён дар дарсҳо дар ҷойи аввал меистад.

Новобаста аз ин, дар ҷумҳурӣ то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия ба асосҳои назариявӣ ва амалии педагогикаи халқӣ дар тарбияи маънавию ахлоқии ҷавондухтарони коллеҷи касбӣ-техникӣ, аз ҷумла зимни корҳои беруназмактабии замони муосир ба таври бояду шояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда нашудааст. Аз ин рӯ, дар омӯзиши тарбияи маънавию ахлоқии ҷавондухтарони коллеҷи касбӣ-техникӣ зимни корҳои беруназмактабии замони муосир як силсила масъалаҳои норавшан мондаанд, ки таҳқиқ ва ҳаллу фаслро тақозо менамояд.

Довталаб зимни таҳқиқоти худ асосҳои педагогии тарбияи маънавию ахлоқии ҷавондухтарони коллеҷи касбӣ-техникиро муайян намудааст.

Муҳаққиқ проблема, мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст. Аз ҷумла,

– гузаронидани таҳлили муқоисавии муносибатҳои анъанавию башардӯстона оид ба масъалаҳои идоракунии дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

– омӯзиши низоми идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касби дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият;

— муайян намудани робитаи сохторҳои дохилии институтсионалӣ дар протсесси демократиконӣ ва муносибати салоҳиятнок дар иҷтимоисозӣ;

- муайян намудани майли зерсохторҳои дохили муассиса ба идоракунии инсондӯстона ва демократӣ рушди салоҳияти донишҷӯён;

- фароҳам овардани шароити мутаносиби педагогӣ бо роҳи муттаҳид кардани ҳамаи иштирокчиёни идоракунӣ дар дохили муассиса оид ба арзишҳои башардӯстона дар ҷомеасозии донишҷӯён.

Зимни иҷрои мақсаду вазифаҳо ва таҳқиқоти илмӣ диссертант ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

- асоснокии идоракунии демократӣ ва муносибати салоҳиятдор оид ба баланд бардоштани сифати таълим ва мусоидат ба ҷомеашиносии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- навсозии худидоракунии донишҷӯён бо мақсади тарбияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ;

- фаҳмонда додани моҳияти демократиконӣ ва муносибати босалоҳият дар протсесси таълим барои хизмати софдилона ба халқу Ватан;

- тадқиқот ва асоснокии хусусиятҳои демократикунонии раванди таълим ва татбиқи равиши салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- тасдиқи омодагии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба демократикунонии раванди таълим дар шароити иҷтимоӣ.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории амалии бевоситаи муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоишҳо, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ - озмоишӣ, тавсифи он ва ҷамъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ рӯйи кор омадаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ақидаҳои асосии педагогӣ-психологӣ, фалсафӣ, антропологӣ дар бораи инсон ва раванди иҷтимоӣшавии вай; дар бораи инкишофи маънавӣ, ахлоқӣ, равонӣ ва ҷисмонии ҷавонон тавассути демократиконӣ; таъсири мутақобилаи иҷтимоӣ ва биологӣ; имкониятҳои маърифатӣ ва фаъолияти ҷисмонии шахс, мавқеи омили инсонӣ дар ташаккули ҷомеаи муосир ба омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида ҳамчун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашриёҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[1-А]. Садуллоева Г.М., Роль сотрудничества семьи и школы в развитии мышления учащихся. // Вестник Института развития образования. Душанбе. 2019. - №2 (26). – С.171-175. ISSN 2617-5320.

[2-А]. Махкамов Д. Садуллоева Г.М. Развитие правовой компетентности студентов колледжей в процессе профессионального образования. // Вестник Института развития образования. Душанбе. 2020. №1 (29). – С.42-47. ISSN 2617-5320.

[3-А]. Садуллоева Г. М., Важность компетентного отношения при преподавании предмета «Правоведение» // Вестник Института развития образования. Душанбе – 2020. №1. (29). – С.152-156. ISSN 2617-5320.

[4-А]. Садуллоева Г. М., Демократизация образовательного процесса – педагогические требования. // Вестник Института развития образования. Душанбе. – 2021. №2 (34). – С.81-85. ISSN 2617-5320.

[5-А]. Садуллоева Г. М., Таълими фосилавӣ ҳамчун муносибати навгонӣ дар татбиқи таҳсилоти бетанафус дар муассисаҳои касбӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Душанбе – 2024. №2. (46). – С.87-90. ISSN 2617-5320. (дар ҳаммуаллифӣ)

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризони холис ва иштирокчиёни шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии Саъдуллоева Гулнора Маҳадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштагшуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи илмии Саъдуллоева Гулнора Маҳадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
3. Диссертатсияи Саъдуллоева Гулнора Маҳадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз

рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мураттаб шуда, аз 14 апрели соли 2025, протоколи №4 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 17 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллоева П.М.

Котиби ҷаласа Бобоёров Х.

Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
к. А.Адҳамов, 11/2; Тел.: 2 27 45 25, 2 27 64 00;
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои П.М. Лутфуллоева ва Х.Бобоёровро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корғузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
АкадемияиТаҳсилотиТоҷикистон Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО